# ТАҚРИЗ

ба рисолаи Гадоев Шералӣ Давлатович дар мавзӯи «**ШАРОИТИ ГЕОЭКОЛОГИИ МАМНУЪГОҲИ ДАШТИҶУМ ВА АРЗЁБИИ ЗАРУРАТИ ОН БАРОИ ТАШКИЛИ ТУРИЗМИ ЭКОЛОГӢ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун дар бораи «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020»-ро қабул намуд (№80 аз 01.03.2018)

Он моро ба инкишофи ояндаи туризм, аз он ҷумла экологӣ ҳамчун намуди бехатартарини экологии истифодаи табиат дар тамоми ҳудуди мамлакат ва ҳамчун ҳудудҳои табии махсус ҳифзшаванда (ҲТМҲ) водор мекунад.

Ба ҳудудҳои табии махсус ҳифзшаванда мо боғҳои миллӣ, мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, ёдгориҳои табиӣ ва ғайраро мансуб медонем.

Ба сифати объекти тадқиқотӣ рафиқ Гадоев Ш.Д. мамнуъгоҳи Даштиҷумро гирифтааст. Чунки экотуризм дар ин ҷо дар асоси рушди устувор барои банд кардани аҳолии минтақа (бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ), паст намудани шиддатнокии иҷтимоӣ, ташкил кардани маҳсулоти экологӣ, таъмин намудани воридоти асъор, бардоштани иқтисодиёти минтақа ва ғайра мусоидат мекунад.

Ин имтиёзҳо аз туризм аллакай барвақт дар Туркия, Франсия, Италия ва як қатор давлатҳои дигар ҷорӣ карда шудаанд.

Аз Тоҷикистони мо нимсолаи аввали соли 2018 зиёда аз 900 ҳазор нафар туристон дидан карданд. Ҳар кадоми онҳо ба ҳисоби миёна дар шуғлҳои рекреатсионӣ қариб 500 доллари ШМА (с.23 дисс.) сарф намуданд. Онҳоро дар баробари дигар ҷойҳои тамошобоб инчунин худудҳои табиӣ махсус ҳифзшаванда (ҲТТҲ) ҷалб мекард.

Диққати асосиро ба онҳо равона карда тавонистан ва ба экотуристон самтҳои ҷолиб (ба тартиб андохтани қатъӣ дар фазо) пешниход кардан зарур аст. Ҷалб намудани ҷамъиятҳои маҳаллӣ ба

хизматрасонии экотуристон – бисёр вазифаи муҳим ва ҳиссаи арзанда дар иқтисодиёти минтақаи Кӯлоб мебошад.

Аз ин сабаб рафиқ Гадоев Ш.Д. дар назди худ чунин мақсад гузошт: омӯзиши имконияти рушди экотуризм дар ҳудудии мануъгоҳи Даштиҷум, нишон додани ҷиҳати таъсири мусбии онро ҳамчун таҷрибаи иҷтимоию экологӣ ба ҳудуди мамнуъгоҳ ба воситаи тартиби идоракунии фаъолияти экотуристон бо коркарди самти рушди беҳтарсозӣ ва усулҳои баланд бардоштани таъсирбахши он.

Барои расидан ба мақсади гузошташуда худи ӯ чунин корҳои асосиро ба анҷом расонид:

- Ошкор намудани сохти ташкилотӣ ва намудҳои экотуризм, аз он ҷумла қонунҳои гузаронидани онро дар ҳудудҳои табии махсус ҳифзшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли мамнуъгоҳи Даштиҷум);
- Омӯхтани иқтидори табиӣ ва маданию таърихии мамнуъгоҳи Даштиҷум ва баҳодиҳии он ҳамчун таҳкурсӣ барои рушди экотуризм;
- Таҳлил намудани маълумотҳои пурсишҳои сотсиологӣ бо мақсади муайян намудани масъалаҳои маишию экологӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳ ва сатҳи маърифати экологии аҳолии маҳалӣ;
- Кор карда баромадани роҳҳои такмилдиҳии моҳияти идоракунии экотуристон дар ҳудуди мамнуъгоҳи Даштиҷум (ба ҳар як га) бо иловаи тавсияномаҳо оид ба ташаккули рушди он;
- Муайян кардани самтҳои бартаридоштаи рушди муҳими туризми экологӣ аз лиҳози равона кардани рушди минтақавии навоварӣ ва иҷтимоӣ.

Рафиқ Гадоев Ш.Д. аз ӯҳдаи ин кор баромад. Чунончи: сохти ташкилии экотуризми муосирро муайян намуд. Таҳкурсии методологии истифодаи ҳудудҳои табии махсус ҳифзшаванда ҳамчун объекти экотуризм ҷудо намуд. Боигариҳои табиӣ, биологӣ, таърихию маданӣ ва дигар захираҳои мамнуъгоҳ ва имконияти истифодаи онҳоро дар экотуризм муайян намуд. Нақшаи рушд оид ба беҳтар кардани фаъолияти экотуристиро дар мамнуъгоҳи Даштиҷум тартиб дод.

Дар баробари ин тадқиқотҳои ӯ дар асоси захираи бузурги маълумотҳои ба даст омада ва кор карда баромадани маълумотҳои

экологӣ, рекреатсионӣ, географӣ ва аз он ҷумла туризми экологӣ пешниҳод шудааст.

Рафиқ Гадоев Ш.Д. 201 нафарро бозпурсӣ намуд, ки аз онҳо - 24 нафар коркунони давлатӣ, 62 – турист ва 115 аҳолии маҳаллӣ буданд. Натиҷаи таҳлилҳои бозпурсӣ дар ин се гурӯҳ рисолаи ӯро бо маълумотҳои иҷтимоӣ бой гардонид. Ӯ мазмуни экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мутахассисӣ ва дигар намудҳои иқтидори мамнуъгоҳро баҳогузорӣ намуд. Инчунин монеъаҳое, ки барои рушди мувофиқ монеъа эҷод мекунанд, ба монанди маблағгузорӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, ҷиноятӣ, қонунгузорӣ, идоракунӣ ва роҳҳои паст кардани таъсири онҳоро нишон дод. То ӯ ин корро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон нафар анҷом надода буд.

Ба ғайр аз ин дар амсилаи SWOT ӯ ниҳоят дақиқ самтҳои суст ва қавии хавф ба экотуризм ва имконияти рушдро муайян намуд. Хулосаи асосӣ аз рӯи амсилаи SWOT кард, ки ин сабабҳои дохилии рушди экотуризмро дар мамнуъгоҳ монеъ мешаванд.

Ба ғайр аз сабабҳои дохилӣ, ӯ инчунин берунаро ҳам муайян намуд. Муайян карда шуд, ки бор кардан дар мамнуъгоҳ ба 0,1 нафар/га ё 1 нафар ба 10 га рост меояд. Он нисбат ба ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшавандаи Россия даҳҳо маротиба кам аст. Лекин ин маънои онро надорад, ки экотуризм дар ҳудуди мамнуъгоҳи Даштиҷум бояд ба танзим даровarда нашавад.

Фақат барои қабули экотуристон пешакӣ тайёрӣ дидан зарур аст. Инро рафиқ Гадоев Ш.Д. дар рисолаи худ ниҳоят хуб нишон додааст.

Хуллас ӯ ба мақсади гузоштаи худ комёб шуд. Ишораҳоро нишон дода, вазифаҳо ҳал карда шуданд ва дар умум рисолаи Гадоев Ш.Д. ба ихтисоси 25.00.36 – геоэкология пурра мувофиқат мекунад.

Ӯ 12 сол дар болои рисола кар кардааст. Шахсан ба мамнуъгоҳ экспедитсия ташкил намудааст, ки дар баробари он тезҳаракатии баланд ва қобилияти меҳнат карданро нишон дода, маълумоти илмиро ҷамъбаст карда тавонист. Бо маълумотҳои худ қариб дар 15 конференсияҳои илмӣ баромад намудааст.

Аз ҳамин сабаб ӯ ба дараҷаи баланди тадқиқотҳои илмӣ баромад ва ба аҳли илм натиҷаҳои муҳим пешниҳод намуд, ки таҳкурсии асосии навоварии илмии кори ӯ мебошад.

Дар охир мехоҳам қайд кунам, ки рисолаи рафиқ Гадоев Шералӣ Давлатович дар мавзӯи **«Шароити геоэкологии мамнуъгоҳи Даштиҷум ва арзёбии зарурати он барои ташкили туризми экологӣ»** масъалаи муҳими илмии баланд бардоштани таъсирбахшии истифодаи захираҳои мамнуъгоҳи Даштиҷум ҳал карда шудааст. Натиҷаҳои ба даст овардаи ӯ нав буда, аён аст, ки саҳми муҳим дар назария ва амалияи истифодабарии геоэкологии табиати ҳудудҳои хушки Осиёи Миёна доранд.

Муаллифи рисола **«Шароити геоэкологии мамнуъгоҳи Даштиҷум ва арзёбии зарурати он барои ташкили туризми экологӣ»** рафиқ Гадоев Ш.Д. лоиқи додани унвони илмии дараҷаи номзади илмҳои географӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология мебошад.

Мушовири илмӣ,
Аълочии маорифи ҶТ
д.и.г., профессори ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Муртазаев У.И.

имзои проф. Муртазаев У.И.-ро
«тасдиқ» мекунам.

Сардори Райёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Назаров Д.